*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо суроғаи: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ146.*

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати рисолаи илмии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзуи "Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ" (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)***

Дар шароити муосир дар роҳи таъмини самаранокии истеҳсолот ва талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ афзоиши нақши давлат дар идора, танзим, банақшагирии хоҷагии миллӣ таъмини инкишофи мутавозуни зермаҷмӯи истеҳсолоти моддӣ хело таъсирбахш ҳисобида мешавад. Бо суръат гирифтани тағйиротҳои доираи ислоҳоти иқтисодиёти мамлакат ва самаранокгардонии таъмин ва истифодаи захираҳои моддию истеҳсоли махсусан, саршумор ва маҳсулнокии чорво зарурати тақвият бахшидани таҳқиқоти илмӣ, таҳлили ҳолат ва муайян кардани сатҳи рушди бахшҳои воқеӣ,алалхусус сектори аграриро талаб мекунад. Рушдикишоварзӣ ҳамчун зермаҷмӯи комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фишанги марказии пешрафти иқтисодиёти миллӣ буда, қисме аз зермаҷмӯҳои комплекси агросаноатӣ зермаҷмӯи гӯшту шир мебошад. Омузиши танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи комплекси агросаноатӣ бо истифода аз имкониятҳои соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои саноатӣ ва вусъат ёфтани коркарди гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва таҳқиқоти он хело мубрам дониста мешавад.

Матни автореферат мазмун ва мундаричаи асосҳои назариявии нақши давлатро бо дарназардошти ташаккулёбии фаҳмиши эволютсионии иқтисоди бозорӣ дар пешбурди ҷомеа аз тарики васеъ пеш гирифтани истифодабарии фишангҳои дахлдори пулию қарзӣва молияви аз мавқеи талаботи маҷмӯии танзимкунонӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар ин замина аҳамияти таъсирбахши танзими давлатиро баэътибор гирифта, вазифаҳои асосии онро аз рӯи васеъ пеш гирифтани имкониятҳои назорати давлатӣ дар самти таъмини истеҳсолот ва самаранок истифодабарии захираҳои

моддию ғайримодиро бо назардошти истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва саҳми донишмандони хориҷӣ (Ҷ.М.Кейнс, М. Фридеман, П.Самуэлсон.) муҳаққиқони ватанӣ (академик Н.К.Каюмов, профессорон Гафуров Х., Умаров Х.У., Мадаминов А.А., Шарифов З.Р.) таъкид менамояд (саҳ8,9,10). Ҷиҳати муҳиме, ки аз тарафи муаллиф возеҳ таҳқиқ карда мешавад, ин аниқ гардонидани таносуби усулии танзими давлатӣ дар зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯшту шир, васеъ пеш гирифтани таҳлил ва назорати давлатӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ мебошад. Муаллиф хело дуруст қайд менамояд, ки "самаранок ба роҳ мондани чараёни истеҳсол ва коркарди гӯшту шири байниминтақавӣ ва таъмини таъсирбахши танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмуи маҳсулоти гӯшту шир аз дастгирии давлатии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ вобастагии зич дорад" (саҳ 13). Дар ин ҷода ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва зерсохторҳои он бобати таҳияи барномаи махсуси истеҳсол ва коркарди саноати гӯшт ва шир бо назардошти ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, татбиқ онҳо махсус таъкид мегардад.

Дар заминаи муайян кардани усулҳо, омилҳои рушд ва таҳлили механизми банақшагирии дастгирии давлатӣ дар шароити бозори иқтисодӣ, кушиш ба харҷ дода шудааст, ки таҳия ва пешниҳоди модели танзими давлати дар зермаҷмуи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таъмини самараноки танзими давлатӣ дар ин зермаҷмӯ, бо аниққунонии онҳо дар самти афзалиятҳои сиёсати рушди соҳа пешниҳод карда мешавад (саҳ 20,23).

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо баназар мерасанд:

1.Мулліф дуруст қайд менамояд, ки истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир аз ашёи хоми чорводорӣ, ҳамзамон тафриқаи нархгузорӣ дар тағирёбии алоқаи байни соҳавӣ ва афзоиши нархҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти хӯрокворин гӯшту шир, маблағгузории соҳаи чорвои гӯштӣ ва ширдеҳ, норасоии дараҷаи худтаъминкунии маҳсулоти гӯшту шир ҳалталаб мебошанд. Хуб мешуд, ки агар дар ин самт таъсири омилҳои номбаршуда бо усули мушаххас арзёбӣ ва қабули қарори муфидро дар бар мегирифт. Масалан асоснокии нарх аз ҳисоби низоми зарурии таносуб ва тавозунњо дар шароити иқтисоди бозории минтақаҳо;

2.Таҳлил ва баҳодии вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хеле муҳим пайгирӣ шудааст. Лекин муаллифро лозим буд, ки ба ин масъала аз нигоҳи ҳамкориҳои байни ташкилотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ аз тариқи тафриқавӣ ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир баҳогузорӣ менамуд.

Камбудиҳои қайдшуда тавсиявӣ буда, сатҳи илмию назариявии автореферати диссертатсияро халалдор намесозад. Муаллиф мазмуни диссертатсияро аз нигоҳи натиҷаҳои илмию амалии мазмунан ва аз

тариқи мантиқӣ пурра ҷой додааст.

Бо назардошти ҷиҳатҳои мусбии автореферати диссертатсияи Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзуи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ” (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи ҷойдоштаи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи менеҷмент
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Одиназода К.С.

Имзои Одиназода К.С- ро тасдиқ мекунам :
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷураев Ш.Н

Суроға : 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5
тел: (992 37).234-88-02
htt: //  www.dsx.tj